# ТАҚРИЗ

ба автореферати Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи «Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ

Автореферати диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзӯи «Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» як кори саривақтӣ ва муҳим мебошад, ки ба яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеаи муосир – таъсири бекорӣ ба ҳолати рӯҳии ҷавонон бахшида шудааст. Мавзӯи таҳқиқот бо назардошти вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Кобул, ки дар он масъалаи бекорӣ барои ҷавонон хеле актуалӣ аст, аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Автореферат мухтасари мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, мақсад, вазифаҳо, гипотеза, навгонии илмӣ, аҳамияти амалӣ ва муқаррароти асосии барои ҳимоя пешниҳодшавандаро дар бар мегирад. Муаллиф муваффақ шудааст, ки дар ҳаҷми мухтасар моҳияти таҳқиқоти худро баён намояд.

Мавзӯи таҳқиқот бешубҳа муҳим, арзишманд ва саривақтӣ мебошад. Омӯзиши робитаи байни бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонон имкон медиҳад, ки омилҳои психологии таъсиррасон муайян карда шуда, барои таҳияи барномаҳои пешгирӣ ва дастгирии психологӣ замина фароҳам оварда шавад. Ин таҳқиқот барои фаҳмиши амиқи мушкилоти рӯҳии ҷавонони бекор дар шаҳри Кобул саҳми муҳим мегузорад.

Автореферат аз ҷиҳати сохтор мутобиқи талаботи пешбинишуда тартиб дода шудааст. Муаллиф дар муқаддима асоснокии мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври мухтасар ва возеҳ баён намудааст. Дар бахши асосӣ мухтасари методологияи таҳқиқот, натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои муфид инъикос ёфтааст.

Навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ: Муаллиф дар автореферат навгонии илмии таҳқиқоти худро нишон додааст. Навоварии илмии таҳқиқоти пешниҳодшуда, ки дар автореферат ба таври муфассал баён гардидааст, аз чанд ҷанбаи муҳим иборат аст:

1. Таҳқиқи аввалини робита дар шароити Кобул. Муаллиф қайд кардааст, ки ин пажӯҳиш аввалин кӯшиш дар самти таҳқиқи робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошад. Ин ҷанбаи навоварӣ бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа аҳамияти хоса дорад;

2. Муайянсозии намудҳои гуногуни депрессия. Таҳқиқот бо муайян кардани як қатор намудҳои депрессия (аз депрессияи сабук то депрессияҳои шадид бо хусусиятҳои гуногун) фарқияти муҳимро дар баррасии ҳолати рӯҳии ҷавонони бекор нишон медиҳад. Ин имкон медиҳад, ки таҳлили амиқтаре аз зуҳуроти депрессивӣ сурат гирад.

3. Муайянсозии омилҳои мусоидаткунанда. Пажӯҳиш бо муайян намудани маҷмӯи васеи омилҳо (генетикӣ, биологӣ, асабӣ-ғадудӣ, шахсиятӣ, иҷтимоӣ, стрессҳои зиндагӣ, тарди иҷтимоӣ, таомули иҷтимоӣ, фақр) ба раванди гирифторшавии ҷавонон ба депрессия саҳми назаррас мегузорад. Ин муносибати комплексӣ имкон медиҳад, ки сабабҳои депрессия дар заминаи бекорӣ ҳамаҷониба баррасӣ шаванд;

4. Муайянсозии оқибатҳои психологӣ. Бори аввал оқибатҳои мушаххаси психологии бекорӣ ва депрессия дар ҳаёти минбаъдаи ҷавонони шаҳри Кобул муайян карда шудаанд, аз ҷумла таъсири бекорӣ ба депрессия, фақри иқтисодӣ, вобастагӣ, ҳувият ва бухрони ҳувият. Ин натиҷаҳо барои фаҳмиши оқибатҳои дарозмуддати бекорӣ аҳамияти калон доранд;

5. Истифодаи ҷадвали Каржеси ва Морган барои муайян кардани андозаи намуна ҳамчун як усули соддатар ва мувофиқ дар шароити таҳқиқоти иҷтимоӣ дар минтақа қайд шудааст. Ин метавонад барои таҳқиқотҳои минбаъда дар шароити маҳдуди захиравӣ муфид бошад;

6. Коркард ва санҷиши методикаҳои ташхисӣ ва таҳияи пешниҳодҳо. Санҷиши озмоишии методикаҳои ташхисии хусусиятҳои шахсияти бекорон ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳдошти ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони Афғонистон нишон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо хусусияти таҳлилӣ, балки амалӣ низ дорад.

Муайян намудани хусусиятҳои психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар шароити мушаххаси иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Кобул, бешубҳа, саҳми назаррас дар илми психологияи иҷтимоӣ мебошад. Ин нукта дар аҳамияти амалии таҳқиқоти Сахиёр Раҳимуллоҳ низ қайд карда шудааст, зеро натиҷаҳои он метавонанд дар таҳияи барномаҳои дастгирии психологӣ ва иҷтимоӣ барои ҷавонони бекор истифода шаванд.

Муқарраротӣ барои дифоъ пешниҳодшаванда, ки дар диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ оид ба таҳқиқи робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул пешниҳод шудаанд, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро мухтасар ва возеҳ инъикос менамоянд. Ин муқаррарот маҷмӯи хулосаҳоро дар бар мегиранд, ки ҷанбаҳои гуногуни таъсири бекорӣ ба ҳолати рӯҳии ҷавононро дар бар мегиранд.

Муқаррараи аввал оид ба омилҳои мухталифи бекорӣ дар байни ҷавонон, аз ҷумла омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва хусусиятҳои минтақавӣ дар Афғонистон, асоснокии мавзӯъро таъкид менамояд.

Муқаррараи дуввум робитаи мустақими байни бекорӣ ва сатҳи депрессияро дар байни ҷавонон нишон дода, аҳамияти таҳқиқоти мазкурро тасдиқ мекунад.

Муқаррараҳои сеюм ва чорум хусусиятҳои демографиро дар зуҳури депрессия дар заминаи бекорӣ баррасӣ намуда, фарқиятҳои гендерӣ ва вазъи оилавиро ҳамчун омилҳои муҳим муайян мекунанд.

Муқаррараи панҷум таъсири сатҳи иқтисодӣ ва таҳсилотро ба дараҷаи депрессия нишон дода, мураккабии ин масъаларо таъкид менамояд.

Муқаррараи шашум хусусиятҳои синнусолии зуҳури депрессияро дар байни ҷавонони бекор таҳлил намуда, муқовимати гурӯҳҳои калонсоли ҷавонро ба депрессия қайд мекунад.

Муқаррараи ҳафтум нақши муҳими некӯаҳволии иҷтимоиро дар паст кардани сатҳи депрессия дар шароити бекорӣ нишон медиҳад.

Муқаррараи ҳаштум таъсири мусбати шуғлро ба ҳолати рӯҳии ҷавонон таъкид намуда, муқаррараи нӯҳум хулосаи умумии таҳқиқотро дар бораи робитаи манфии назарраси байни бекорӣ ва дараҷаи депрессия ҷамъбаст менамояд.

Дар маҷмӯъ, муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшаванда мантиқан сохторбандӣ шуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро дар бораи робитаи мураккаби байни бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул инъикос менамоянд. Ин муқаррарот асоснок буда, ба саволҳои гузошташуда ҷавоб медиҳанд ва аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодашударо тасдиқ менамоянд.

Дар рафти шиносоӣ бо автореферат ягон камбудии ҷиддӣ мушоҳида нашуд, ки ба арзиши илмии кор таъсири манфӣ расонад. Бо вуҷуди ин, метавон қайд кард, ки дар баъзе ҷойҳо ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки бартараф кардани онҳо сифати кори довталабро хубтар мекунад.

Дар маҷмӯъ, автореферати Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзӯи «Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул» таассуроти мусбат боқӣ мегузорад. Автореферат мухтасари дақиқи мундариҷаи диссертатсия буда, арзишмандӣ, саривақтӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқотро нишон медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои довталабро барои ҷалби ҷавонон ба кор дар кишвари Афғонистон ва кишварҳои дигар истифода бурдан мумкин аст, аз лиҳоз муаллифи он ба

дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ сазовор аст.

Доктори илмҳои педагогӣ,
саркотиби илмии Акаемияи
таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода Мирзобадал

15.05.2025

Маълумот барои тамос: 734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/2. Тел: 222-22-40; 222-22-30; E-mail: att@maorif.tj/ URL: www.aot.tj

*Имзои Каримзода Мирзобадалро тасдиқ менамоям.*

*Нозири кадр ва коргузории*
*Академияи таҳсилоти*
*Тоҷикистон* *Саидова М.*

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН • РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА • ШӮЪБАИ КАДРҲО • ОТДЕЛ КАДРОВ